10 02 22 ЯЗЫКИ НАРОДОВ ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАН ЕВРОПЫ, АЗИИ, АФРИКИ, АБОРИГЕНОВ АМЕРИКИ И АВСТРАЛИИ

10 02 22 LANGUAGES OF FOREIGN COUNTRIES PEOPLES OF EUROPE, ASIA, AFRICA, NATIVES OF AMERICA AND AUSTRALIA

УДК 81
ББК 81.2-2

ОИД БА МАСЪАЛАИ АНГЕЗИШИ СЕМАНТИКИИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Азимова Матлюба Нуриддиновна, *д.и.ф, профессори кафедраи фонетика ва лексикологияи забони англисии МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

К ПРОБЛЕМЕ СЕМАНТИЧЕСКОЙ МОТИВИРОВАННОСТИ ФРАЗЕОЛОГИЗМОВ АНГЛИЙСКОГО И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКОВ

Азимова Матлюба Нуриддиновна, *д-р филол.наук, профессор кафедры фонетики и лексикологии английского языка ГОУ «ХГУ имени академика Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

TO THE PROBLEM OF SEMANTIC MOTIVATION OF PHRASEOLOGISMS OF ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

Azimova Matlyuba Nuritdinovna, *Dr. of Philology, Professor of the department of phonetics and lexicology of the English language under the SEI "KSU named after acad. B.Gafurov (Tajikistan, Khujand)*
E-MAIL:*azimova.matluba.n@mail.com*

Калидвожаҳо: *ангезаи маъноӣ, таркиби фразеологӣ, рехтаҳо ва омехтаҳои фразеологӣ, идиома, маҷоз, воҳидҳои фразеологии маҷозӣ, воҳидҳои фразеологӣ*

Ангезиши семантикии воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ баррасӣ шудааст. Намудҳои асосии сохторӣ- грамматикии ибораҳо оварда шудаанд. Қайд карда мешавад, ки воҳидҳои фразеологӣ доираи хеле васеи семантикиро дар бар мегиранд, дар ҳоле ки қисми махсуси ин навъро истилоҳоте ташкил медиҳанд, ки маънои ҷузъҳои онҳо аз ҷиҳати фразеологӣ номаҳдуд аст. Дар байни онҳо зарбулмасал, ибораҳои хосияти эвфемӣ дошта, муқоисавӣ ҳастанд, ки дар асоси образҳои адабиёти бадеӣ ё аз воқеаҳои таърихӣ, урфу одат ва эътиқоди илмӣ бармеоянд. Таҳлили сохторӣ, семантикӣ ва функсионалию услубии гурӯҳҳои лексикию мавзӯии номбаршуда нишон медиҳад, ки имкониятҳои ташаккул ва хосияти истеъмолии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ рангинанд.

Ключевые слова*: семантическая мотивированность, фразеологические сочетания, фразеологические единства, метафорическое переосмысление, метафора, метафорические фразеологические единицы, фразеологизмы-идиомы*

Рассматривается семантическая мотивированность фразеологизмов английского и таджикского языков. Приводятся основные структурно-грамматические типы словосочетаний. Отмечается, что фразеологические единицы включают достаточно широкий семантический диапазон, при этом особую часть данного типа составляют термины, значение компонентов которых фразеологически не ограничено. Среди них представлены пословицы, обороты эвфемистического характера, сравнения, обороты, основанные на образах из художественной литературы или возникшие на основе

исторических событий, обычаев и поверий. Структурный, семантический и функционально-стилистический анализ перечисленных лексико-тематических групп показывает, насколько богаты и разнообразны возможности тематических групп ФЕ в сопоставляемых языках.

Key-words: *semantic motivation, phraseological combinations, phraseological unities, metaphoric recomprehension, metaphor, metaphorical phraseological units, phraseologisms-idioms*

The article dwells on semantic motivation of phraseologisms in English and Tajik languages. There are adduced basic structural-grammatical types of word-combinations. It is underscored that phraseological units include a considerably wide semantic range; herewith, a special part of this type consists of terms; the meaning of the latters` components being not limited. Among them there are proverbs, phrasemes of euphemistic character, similes, phrasemes referred to belles-letters images or those ones which appeared due to certain historic events, customs and legends. Structural, semantic and functional-stylistic analysis of the enumerated lexico-thematic groups shows how rich and variegated the potentialities of thematic groups of PhUs are in the correlated languages.

Мафҳуми вобастаҳои фразеологӣ илман асоснок буда, таркибҳои аналитикӣ бештар бо маънои ғайриозод, дар алоқамандӣ бо яке аз ҷузъҳо ифода меёбад. Ин чунин маъно дорад, ки таркибҳои фразеологӣ дар асоси ҷузъҳои маҳдуди вожаҳо бо маънои маҷозӣ кор фармуда мешаванд ва яке аз ҷузъҳо образноканд. Ҷузъҳои фразеологӣ одатан ба таркиби якхелаи озод, ки аз як калима иборатанд, мувофиқат намекунанд (1, с. 45-46). Намудҳои асосии сохторию грамматикии ибораҳо:

1. Ибораҳои феълӣ бо исм (моделҳои V + N = N + V): ***bear a grudge (malice, spite), break gloom (silence, spell, etc)*** -обу оташ будан; дил бохтан; реша давондан; ҷанг анҷом анҷом ёфтани ҷанг; сабил мондан ва ғайра.

Барои забонҳои муосири тоҷикӣ ва англисӣ ташаккули миқдори зиёди таркиби фразеологии феълӣ хос аст, ки дар онҳо феълҳои гурӯҳҳои муайяни маъноӣ, масалан, феълҳои дарки визуалӣ (***look*** - **нигоҳ кардан**), феълҳои ифодакунандаи ҳар гуна таъсир ба ашё (***take*** - **гирифтан**) дар забони англисӣ доираи семантикии худро хеле васеъ намуда, аксаран мушаххасияти худро аз даст медиҳанд ва бо гурӯҳҳои муайяни исмҳо муттаҳид мешаванд ***(take fancy (liking), take need (pains, trouble) take offense (umbrage)*** – гуноҳро ба гардани худ гирифтан. Дар забони тоҷикӣ дар ин бобат феълҳои **кардан, шудан, гаштан, хӯрдан, задан, супоридан, доштан, афтидан, афтодан** ва ғайра дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ, ки аҳамияти хоса доранд, унсурҳои таркибии феълҳои ба истилоҳ мураккаб ё маҳсулноканд.

2. Ибораҳои феълӣ бо исм бо пешванд (модели V + prep N= prep N+V): ***come into being*** – пайдо шудан***, take into account*** - ба ҳисоб гирифтан***; fall into a rage*** - аз қавли худ баргаштан; ***ба дасти фаромӯшӣ супоридан*** - фаромӯш кардан***, шабро ба рӯз овардан*** - шабро рӯз кардан.

3. Ҷузъҳои феълӣ бо сифатҳо ё зарфҳо: (моделҳои V + Adj \ Adv = Adj \ Adv + V): ***make sure*** - кӯшиш кардан; ***put right*** - ислоҳ намудан; бефоида набудан; ***ҳангу манг шудан*** — парешон шудан; бо камоли масъулият гузоштан (дар бораи савол) ва ғ.

4. Ҷамъбасти исмҳо бо сифатҳо (ва сифати феълии навъҳои I ва II дар вазифаи сифат) (моделҳои қисми / Adj + N = N + Part / Adj) ***maiden attempt*** - кӯшиши аввал; ***purchasing power*** - қобилияти харидорӣ ва ғ. - ***чашмаи нур***; ***чашми шодӣ; ҳусни адаб, чашми равшан*** - шодӣ; ***гурги борондида***; **бахти баргашта;** ***дили шикаста*** ва ғ.

5. Ҷузъҳои пешояндӣ бо исмҳо (модели prep N): ***flash of hope*** - нишонаи умед; ***flood of anger*** — оташин шудан; ***flow of conversation*** - суҳбати самимӣ ва ғ. Модели пешояндӣ бо исмҳо яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи забони англисӣ буда, он дар воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ифода намешавад.

Дар рехтаҳои фразеологӣ ҷузъҳои таркибӣ ба маънои ягонаи умумӣ ба кор мераванд. Рехтаҳои фразеологӣ бо ягонагии таркиб ва маъно сершумор буда, аз рӯйи вазифаҳои синтаксисӣ ва хусусиятҳои услубӣ комилан ба маънои маҷозӣ корбаст мешаванд. Академик В.В.Виноградов қайд мекунад: «Намуди дигари гурӯҳҳои фразеологӣ устувор буда, аз ҷиҳати семантика ҷудонашаванда - ифодагари маънои яклухти ягона мебошад. Дар он ин маънои яклухт ангезанда буда, аз омезиши маъноҳои ҷузъҳои луғавӣ бармеояд» (4, с. 26).

Рехтаҳои фразеологӣ муносибатҳои гуногуни семантикиро фаро мегиранд. Дар байни онҳо зарбулмасал, мақол, ҳикматҳои мардумӣ хастанд, ки дар асоси образҳои адабиёти бадеӣ сохта шудаанд ё ба воқеаҳои таърихӣ, урфу одатҳои миллӣ асос меёбанд. Ба ин навъи ВФ ибораҳои касбӣ бо маънои маҷозӣ низ мансубанд.

Воҳидҳои фразеологӣ аз маҷмӯи калимаҳои маъмул дар натиҷаи гирифтани маънои маҷозӣ пайдо мешаванд, мисли ***чизеро об кардан, шамол хӯрдан, ҷоғ задан, ба сари касе об рехтан — you know, not that I know и др... After that do you think I could marry you? Not if I know it*** (4, с. 68-161).

Қисмати хоси воҳидҳои фразеологиро истилоҳоте ташкил медиҳанд, ки маънои ҷузъҳои онҳо дар доираи воҳидҳои фразеологӣ маҳдуд нестанд. Ибораҳои истилоҳӣ дар илм, сиёсат, номҳои топонимӣ зиёданд, нигаред: ***gum up the works*** - вайрон кардани ҳама чиз; ***Not to know if one is standing on one's head or one's heel*** - парешон шудан, худро гум кардан; дасту по хӯрдан; ***add fuel to the fire*** - ба болои сӯхта намакоб; корро расво кардан. ***Обигарм, Чилучорчашма, Ҳисори Ҳасана*** ва ғ.

Дар ташаккули рехтаҳои фразеологӣ воситаҳои синтаксисӣ, эвфонӣ ва услубӣ низ иштирок мекунанд.

Омилҳои лексикию грамматикии воҳидҳои фразеологӣ дар ташаккули хусусиятҳои семантикии ВФ таъсири калон мерасонад. Маънои воҳидҳои фразеологӣ низ тавассути образнокӣ ва як қатор воситаҳои бадеӣ, аз ҷумла эвфонӣ муайян карда мешавад. Дар ташаккули семантикаи рехтаҳои фразеологӣ мушаххасан маънои мансубияти лексикию грамматикии фразологизмҳо нақши муҳим мебозад (2, с.92).

Объекти ифодакунандаи воҳидҳои фразеологӣ ҳаёти одамон бо хосиятҳои гуногун - сарулибос, хӯрок, нӯшокӣ, эҳсосот, ҳодисаҳои табиат, ҳайвонот бо усулҳои метафора сурат мегирад.

Тафсири маҷозии прототипҳои воҳидҳои фразеологӣ, махсусан ибораҳои тағйирёбанда яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои ғаноманди фразеологизмҳои ҳар як забон, аз ҷумла, забонҳои муқоисавӣ мебошад. Маҷоз ба навъҳои гуногуни ифодаёбии ВФ, шабоҳати воқеӣ ё тасаввурӣ асос ёфта, ба мафҳуми шахс, ғайришахс ё ҳар ду нисбат дошта метавонад. Аксаран антропосентризм самти асосии ташаккули семантикии воҳидҳои фразеологиро муайян мекунад, зеро воҳидҳои фразеологӣ дар маҷмӯъ бештар ба шахс ё мафҳуми ба ӯ алоқаманд дахл доранд. Ифодаёбии хусусиятҳои шахс ҳамчун ҷанбаи муҳимми эҳсосӣ дошта дар баҳои манфӣ ё мусбат ҷамъбаст мегардад, ки онҳо чун заминаи ҳосилшавии тасаввурот чи дар нутқи шифоҳӣ ва чи дар образҳои манфӣ ё мусбати асарҳои бадеӣ хидмат менамоянд. Ҳатто аз рӯйи ВФ метавон дар бораи мазмуни гуфтор ё навиштор тасаввурот пайдо кард: ***a snake in the grass, a stab in the back, a break in the***

clouds, a diamond of the first water –корд задан аз пушт (туҳмат), садои осмони беғубор (ногаҳон), оби шаффоф (тоза, соф) ва ғ. Вале маънои воҳидҳои фразеологӣ бо камоли равшанӣ дар матн муайян мегардад, ки инро дар асарҳои бадеӣ ва публитсистӣ бо тобишҳои ҳам манфӣ ва ҳам мусбат дидан мумкин аст: ***Dr. Jekyll and Mr. Hyde-*** шахсест, ки дар вай дам некӣ, дам бадӣ ғолиб меояд (дар повести Р.Л. Стивенсон ***"The Strange Case of Dr. Jekyll and Mr.Hyde"*** қаҳрамони некхоҳ доктор Ҷекил даврa ба даврa ба ҷаноби бадхоҳ Хайд табдил меёбад); ***ups and downs*** – иқбол ва бадбахтӣ, пастӣ ва баландиҳо.

1. **Баҳои манфӣ дар ифодаи шахс** ба маънои кӯчида (маҷозӣ) асос ёфтааст: а) шабоҳати синну сол: ***babies and sucklings-*** навҷавонон, одамони тамоман бетаҷриба (муқоиса кунед, ҳанӯз шир дар лабаш хушк нашудааст); б) шабоҳати мавқеъ. : ***a round peg in a square hole*** (ё ***a square peg in a round hole***) – одами номувофиқ; ***a snake in the grass*** - каждуми таги бӯрё. Дар воҳидҳои фразеологӣ баҳои манфӣ бартарӣ доранд.

2. Баҳои мусбат дар ифодаи шахс: ***a tower of strength*** – такягоҳи боэътимод, шахсе, ки ба ӯ мисли девори сангин такя кардан мумкин аст (шекспиризм) – шабеҳи қудрат; ***a big gun*** - шахси муҳим "шишка" (айнан: "силоҳи вазнин") - монандӣ дар муҳиммият; ***Lone Ranger*** - қаҳрамони танҳо; ритсари сайёра (айнан: «бустери танҳо» - қаҳрамони машҳури ғарбиҳо) - шабоҳати рафтор.

3. Баҳои муътадил дар ифодаи шахс ба шабоҳати мавқеъ асос меёбад: ***back-room boys –*** кормандони лабораторияҳои махфӣ.

Баҳои мусбат ё манфӣ дар объекти тафаккури маҷозӣ дар рехтаҳои фразеологӣ инчунин метавонад дар таъини ашё (исмҳои ғайришахс) ифода ёбад.

1.Баҳои манфӣ дар таъини ашё (исмҳои ғайришахс): ***a stab in the back -*** корд задан аз пушт, ҳамлаи хиёнаткорона - шабеҳии амал; ***the last straw***— косаи охирин (косаи лабрез). ***"Yellow dog"*** - мансуб ба коргарони одӣ; ***a bitter pill to swallow*** - сухани талх; ***gall and wormwood -*** чизи манфур, нафратовар (айнан: "зарда ва явшон") – шабеҳи ҳисси таъм. Тафаккури маҷозӣ дар воҳидҳои фразеологии ***теғи бисмил*** –дар забони тоҷикӣ дар асоси истифодаи хусусияти сифатии предмет теғ (корд); ***қатраи охирин -*** (косаи лабрез) – то интиҳо ва ғ.

2. Баҳои мусбат дар таъини объектҳо (ғайришахс): ***the breath of smb's nostrils -*** зарурати ҳаётан муҳим, он чизе, ки барои инсон ҳамчун ҳаво зарур аст; ***a break in the clouds*** – нури умед (айнан: «шикасти абрҳо») - шабоҳати амал = ***хонаи умед; хонаи мурод.***

4. Баҳо надодан: ***fox and hounds -*** «рӯбоҳ ва сагҳо» (бозии кӯдаконе, ки дар он яке медавад ва дигарон ӯро дастгир мекунанд); ***ducks and drakes -*** «блин» (бозӣ иборат аз партофтани сангҳои ҳамвор ба рӯйи об) — шабоҳати ҳаракат; ***So, strange ... a ray of hope and lack of light at the end of tunnel simultaneously*** (Ш. 4; 20). ***During the small years, I used to go fishing with my father. Oh, those small years*** (Ш 4; 67); мушу гурба — гурба ва муш (бозии бачагона).

Дар байни воҳидҳои фразеологӣ ибораҳои маҷозӣ ҳастанд, ки дар заминаи эвфемизмҳо сохта шудаанд, яъне хусусиятҳои сифатии мафҳумҳоро ба маънои маҷозӣ нармтар (ё боадабонатар) ифода менамоянд. Муқоиса кунед ифодаи марг ё шайтон дар фразеологизмҳо дар забонҳои мавриди муқоиса: ***the great*** (ё ***the last) enemy -*** "душмани бузург (ё охирин)"; ***the last great change, one's (или the) last sleep, the never ending sleep*** - хоби абадӣ; ***a leap in the dark*** - «ҷаҳиш ба номаълум» (суханҳои охирини файласуфи англис Т. Гоббс (1588-1679) чунин буд: ***I am about to take my last voyage, a great leap in the dark. Шайтон: the Evil One –*** қувваи бадӣ; ***the father of lies*** (библ.) — падари дурӯғҳо; ***Old Harry (Nick, Poker или Scratch)*** (инч***. the old adversary, boy, enemy или gentleman), old gooseberry –*** душмани аҳли башар; ***the prince of darkness -*** шоҳи зулмот; ***the evil (или the***

wicked) Spirit рӯҳи бад**.** Муодилҳои тоҷикӣ: ***ба хоби абадӣ рафтан -*** дар хоби ҷовидона будан; ҷон ба Ҷаббор супоридан – чашм пӯшидан ва ғ.

Маънои маҷозӣ аксар ба муболиға асос меёбад, масалан: ***a bull in a china shop*** – айнан: фил дар дӯкони зарфҳои чинӣ; ***a bull of Bashan*** (библ.) — одам бо овози раъдвор; карнайи Ерихон (айнан: «Гови Васан»); ***Рустами дастон; Рустами замон*** ва ғ.

Дар ифодаи сермаъноӣ (метонимия) муносибатҳои гуногун мушоҳида мешаванд, ки намудҳои сермаҳсули онҳо чунинанд:

а) истифодаи номи узв ба ҷойи вазифаи воқеии он, ё номи шахсони алоҳида дар ифодаи ашё: ***Big Bertha*** — «Бертаи калон» (силоҳи дурзане, ки аз он немисхо дар давраи чанги якуми ҷаҳон ба Париж тир – холӣ карда буданд, аслиҳа ба номи фрау Берта Круп фон Болен - зани истеҳсолкунандаи аслиҳа Круп фон Болен гузошта шудааст);

б) дар забони англисӣ инчунин истифодаи номи кӯча ба ҷойи муассисае, ки дар он ҷойгир аст ва ё одамони бо он алоқаманд хеле маъмул аст: ***Downing Street*** (ё ***Number Ten)*** - Ҳукумати Англия (дар Даунинг Стрит, 10 дар Лондон аст - қароргоҳи расмии сарвазир); ***Fleet Street –*** матбуоти англисӣ (редаксияҳои рӯзномаҳои калонтарин дар Флит – стрит, ки дар Лондон ҷойгиранд); ***Harley Street*** - ҷаҳони тиб (Харли - стрит кӯча дар Лондон аст, ки дар он бисёр табибони машҳур зиндагӣ мекунанд); ***Lombard Street*** - маркази молиявии Англия (як қатор бонкҳои калонтарин дар кӯчаи Ломбард – стрит дар шаҳри Лондон ҷойгиранд); ***Wall Street*** – ҳукмронони молиявии амрикоӣ (Уолл - стрит дар кӯчаи Ню Йорк аст, ки дар он бузургтарин бонкҳо, биржаҳои тиҷоратӣ ҷойгиранд) ва ғ.;

в) ивази ҷузъ ба кулл: ***bread and butter*** - як пора нон, нони ҳаррӯза = ***қути лоямут;*** ба мисли ҳамин дар забони тоҷикӣ; ***молу ҳол*** - боигарӣ; ***кору кочол*** — ашё ва ғ.

г) воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи шахс: ***a friend in need*** - дӯсти ҷонӣ = ***дӯсти ҷонӣ, дастгир дар нокомӣ***; ***guardian angel*** - фариштаи нигаҳбон; шахси меҳрубон, ғамхор; ***a Jack in office - парастори мансаб, мансабдӯст; a Jack of all trades = панҷ панҷааш ҳунар*** ; ***an old bird =*** гурги борондида **–** каси ботаҷриба, пухтакор ва ғ.

д) воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи сифат ва эҳсосоти одамон: ***airs and graces*** - рафтору кирдор; ***the bowels of compassion*** - ҳисси дилсӯзӣ; ***fair play*** - одоб, ростқавлӣ; ***high spirits*** **—**кайфияти хуб***;*** дар забони тоҷикӣ ***албастии тайёр*** - бадафт;***заҳри мор –*** бадзабон; ***булбули гӯё (хоно)*** — хушгуфтор; ***деви мазанг*** – баднамо; ***аз даҳон бӯи шир омадан*** – хеле ҷавон будан; ***бо як чашм нигоҳ кардан*** – холисона баҳо додан ва ғ.

ж) воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи хӯрок ва нӯшок: ***Adam's ale*** (мутан.)- «шароби Одам», об; ***angels*** **(или *devils)* on horseback**— «фариштагон (ё шайтонҳои) савори асп», ***a cup that cheers but not inebriates*** –"нӯшокие, ки шуморо хандон мекунад, аммо маст намекунад", чой; ***food for the gods —*** ғизои худоҳо***; a hot dog*** (амер.) — сандвич бо ҳасиби гарм***; spotted dick*** ё ***(dog)*** - пудинг бо мавиз.

3) воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи ҳайвонот, парандагон, моҳиҳо: ***denizens of the deep —***зерибаҳрӣ (дар бораи моҳӣ, харчанг ва ғ.); ***the king of beasts -*** шоҳи ҳайвонот ; ***the king of snakes -*** шоҳи морон; ***the king of mice -*** мири мушон; ***the king of birds—***шоҳи паррандагон; уқоб; ***the ship of the desert—*** киштии биёбон, уштур ва ғ.

е) воҳидҳои фразеологии ифодакунандаи ҳодисаҳои табиат, обу ҳаво: ***skipper's daughters –*** мавҷҳои баланди қулласафед***; a fine day for the (young) ducks (fine), (great) weather)*** - "ҳавои хуб барои мурғобӣ" (рӯзи боронӣ); ***Indian*** (ё ***St. Martin's) summer —***тирамоҳи тиллоӣ - рӯзҳои гарму хушки охири тирамоҳ; ***King's*** (ё ***Queen's) weather —*** ҳавои хуб, (сабоҳ, дар забони тоҷикӣ) ***субҳ; ситораи субҳ-*** Зуҳра; ***зарбофти рӯз -*** субҳидам.

Рехтаҳои фразеологии феълӣ метавонанд маънои пурра ё нопурраи маҷозӣ дошта бошанд. Навъҳои асосии маънои кӯчида дар заминаи метонимия ва ташбеҳ сурат мегиранд. Воҳидҳои фразеологии сермаъно аксар муболиғанок ё эвфемистӣ мебошанд. Бештари воҳидҳои феълӣ ба шахс, амалҳои иҷрокардаи шахс ё ҳолати ӯ нигаронида шудаанд. Воҳидҳои фразеологие, ки ба одам дахл надоранд, хеле кам вомехӯранд, масалан: ***blow great guns*** **—** ғурриш кардан (дар бораи тӯфон; ғурриши тӯфон нисбати ғурриши тӯпҳо).

Бисёр воҳидҳои фразеологии маҷозӣ, ки ҷузъҳои аслии онҳо феълҳои ***be*** ва ***have*** - будан дар забони тоҷикӣ ҳолати инсонро ифода менамоянд, масалан: ***be in smooth water*** **—** дар оби ҳамвор будан – душвориҳо, мушкилотро паси сар кардан, ба "бандари ором" расидан; ***be on one's bones*** (гуфт.) – дар ҳолати душвори моддӣ будан, ба ифрот расидан; ба нуқта расидан, дар тунукоба мондан; ***be*** (ё ***have) one's head in the clouds*** - болои абрҳо парвоз кардан; дар дунёи дигар будан; ***have a bone in one's*** (ё ***the) throat*** (гуфт.) – ҳарфе гуфта натавонистан ва ғ.

Феълҳои ***be, have*** дар баъзе воҳидҳои фразеологӣ метавонанд бо феълҳои дигар иваз карда шаванд, аз ҷумла, дар забони англисӣ ин воҳидҳо дорои таркиби луғавии қисман умумӣ буда, аз феъли ***get*** сар шуда, одатан маънои аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштани шахсро доранд. Барои забони тоҷикӣ муносибатҳои синонимии феълҳои мураккаб бо **будан, шудан**, аз ҷумла, барои ифодаи ҳолати муайян ё тавлиди ҳолат як воқеаи маъмулист. Воҳидҳои фразеологии зеринро муқоиса кунед: ***be in hot water*** **—** дар мусибат будан —***get into hot water***— ба бадбахтӣ дучор шудан; ***be in somebody's bad books*** **-** *ба қаҳру ғазаби касе дучор шудан —* ***get into somebody's bad books*** **-** ба қаҳру ғазаби касе дучор гаштан.

Муболиға яке аз воситаҳои бадеии ифодаи маънои воҳидҳои фразеологӣ мебошад: ***eat out of smb.'s hand*** **–** ром шудан, итоаткор будан(айнан: «аз дасти касе чизе хӯрдан»); ***flog a dead horse*** **—** тамоман беҳуда сарф кардани вақт. Маънои маҷозӣ дар чунин воҳидҳои фразеологӣ дар асоси муқоисаи ҷузъҳои феълӣ бо ҳамон калимаҳои берун аз воҳиди фразеологӣ ба вуҷуд омадааст, муқоиса кунед: ***hitch one's wagon to a star***— аробаи худро ба ситора бастан, шуҳратпараст будан; ***make a mountain out of a molehill*** = аз пашша фил сохтан.

Дар забони тоҷикӣ рехтаҳои фразеологӣ, ки дар сохтори онҳо ҷузъи асосӣ зарф аст, кам дучор мешаванд. Аз ин рӯ, мо дар заминаи таҳлили ин мавод ба маводи забони англисӣ такя кардем. Воҳидҳои фразеологии сифати феълӣ, ки аломатҳои амал, ҳолат, аломати аломатро ифода мекунанд, онро аз ҷиҳати сифатӣ равшан намуда, услуб, тарзи амал, андоза ва дараҷаи аломатро нишон медиҳанд.

Воҳидҳои фразеологӣ зарфӣ аксар вақт шиддатнокии амалро ифода мекунанд. Ба ин чунин воҳидҳои фразеологӣ дохил мешаванд: ***by hook or by crook*** **–** росту дурӯғ; ***by leaps and bounds*** – фавран, бо қадамҳои баҳодурона; ***hammer and tongs*** **—** боғайратона, дасту остин барзада; ***tooth and nails*** **—**бо тамоми қуввати худ ва ғ.

Рехтаҳои фразеологӣ метавонад муътадилмаъно бошанд. Ба онҳо қолабҳои тайёри гуфтор дохил мешаванд: ***beg leave, don't mention it, see you again, you're welcome, yours faithfully, yours truly - ана кору мана кор***; ***гапро бина! гуфтагӣ барин*** ва ғ.

Формулаҳои салом ва видоъро махсусан қайд кардан лозим аст, масалан: ***субҳ ба хайр, руз ба хайр, шаб ба хайр, шом ба хайр*** - то боздид; ***ассалому алайкум***, инчунин воҳидҳои фразеологии дар муомилот истифодашуда, амсоли: ***писарбача, ҷони додош; шербачаи дадош; марҳамат намоед - Қурбонат! Дар хизмати шумо!*** ва ғ.

Муҳаққиқони забони англисӣ, ки бо ин масъала машғул шуданд, дар муқоиса бо забонҳои ғарбӣ дар забонҳои шарқӣ бештар инкишоф ёфтани формулаҳои махсусро дар

мубодилаи нутқи ҳаррӯза нишон доданд. Илова бар ин, дар бисёр забонҳои шарқӣ калимаву ибораҳое, ки ҳамчун формулаҳои махсуси мубодилаи нутқӣ истифода мешаванд, ҳамчун категорияи хоси лексикӣ-семантикӣ фарқ мекунанд. Дар забони тоҷикӣ, чун дар дигар забонҳои эронӣ, ин гуна таркибҳо серистеъмол ва гуногунанд. Онҳо гурӯҳҳои сершумори луғавиро ташкил мекунанд.

Дар таркиби омехтаҳои фразеологӣ пайванди ҷузъҳо ҷудонашаванда буда, дар он ҷузъҳо маънои мустақили худро гум мекунанд. Маънои умумии омезиши фразеологӣ аз маънои калимаҳои алоҳида гирифта намешавад. Яъне мустақилияти маъноии калимаҳо – (ҷузъҳо) комилан гум шудааст, зеро маънои ҷузъҳои алоҳида ва дар қиёс дар забони маъмул мувофиқат намекунад. Академик В.В.Виноградов хусусиятҳои таркибӣ ва маъноии пайвастагиҳои фразеологиро тавсиф намуда, нишон додааст, ки ин таркиби «...на асар аст, на маҷмӯи унсурҳои маъноӣ. Ин як пайвастагии химиявӣ аст, ... қисмҳои лексикии аморфист, ки аз нуқтаи назари забони муосири русӣ гудохта шудаанд» (4, с. 118). Омехтаҳо бояд ҳамчун як воҳиди босамари аз ҷиҳати сохтор ва семантика ҷудонашаванда баррасӣ карда шаванд. Ин падидаи фразеологӣ дар забонҳои муосири англисӣ ва тоҷикӣ зиёд ба назар мерасад.

Омехтаи фразеологӣ аз ҷиҳати лексикӣ-семантикӣ каммаҳсул аст, ангезаи семантикии омезиши фразеологӣ танҳо тавассути таҳлили этимологӣ имконпазир аст. Аз нуқтаи назари мавқеи пайдоиш ва мавқеи истеъмол онҳо ба намудҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

1) ибораҳои идиоматикӣ, ки камаҳсулии онҳо аз қадимӣ будани воқеа бармеояд: ***blow one's trumpet –*** худро таъриф кардан; ***bury the hatchet –*** оштӣ шудан; ***grey mare is the better horse -*** аспҳои фламандии хокистарӣ нисбат ба аспҳои англисӣ беҳтар аст = ***Зӯрат ба қӯҳи калон нарасад, бигард.***

2) ибораҳои идиоматикӣ, ки носаҳеҳии маънои онҳо дар натиҷаи ҷудошавӣ аз матни аслӣ ё дар натиҷаи фаромӯш кардани далелҳои таърихие, ки ба он асос ёфтааст, ба вуҷуд омадаанд: ***the Black and Tans, cry wolf, curate's eggs, Darby and Joar*** – сиёҳу танҳо, гурги гирён, тухми курат, Дэрби ва Ҷоар.

Ба ин гурӯҳ ғайр аз ибораҳои марбут ба осори адабӣ ва далелҳои таърихӣ боз воҳидҳои фразеологии марбут ба асотири қадим низ дохил мешаванд: ***the apple of discord, the cask of Danaides, Damocles's sword, Herculean labour, Pandora's box, Procrustes' bed, Pyrrhic victory*** – себи нифоқ, косаи Данаид, шамшери Домокл, меҳнати Геркул, сандуқи Пандора, кати Прокруст, ғалабаи Пиррик.

3) ифодаҳои идиоматикӣ, ки моҳияти онҳо аз рӯйи ҷанбаи ҳиссӣ-экспрессивӣ аён мегардад, яъне дар дарки маъно хосияти ҳиссӣ бартарият дорад: ***the cat's pijama's, a pretty kettle offish*** – пижамаи гурба, дегчаи зебо.

4) ибораҳои идиоматикие, ки дорои унсурҳои архаистӣ мебошанд: ***groaning board*** — хоне, ки аз вазнинӣ (фаровонӣ)-и ғизо пора мешавад: то ҷон дар рамақ доштан, вирди забон кардан, лак андар лак ва ғайра.

Ба ин гурӯҳ ибораҳое низ дохил мешаванд, ки ҳар ду ҷузъи онҳо берун аз қолаби додашуда истифода намешавад: ***spick and span, tit for tat*** ва ғ. – ***валади зино; ҳангу манг; моту мабҳут*** ва ғ.

Муносибати ибораи муттаҳидшуда бо як порчаи фаъолияти ҷамъиятие, ки дар шуури шахс (объект, хусусият, вазъияти типӣ) ҷудонашаванда аст, зарурати пайдоиши ҳамбастагии ин гуна калимаҳоро дар нутқ таъмин намуда, яке аз омилҳои ибораозиро ба миён овардааст. Аз ҷумла, дар забони тоҷикӣ чунин ибораҳоро мисол овардан мумкин аст:

тап-тапи заѓома - дӯғи беасос***; салмаи сақат*** **–** чизҳои партофтанӣ; ***бори накав*** - одами зудранҷ; ***қути лоямут*** **–** пораи ками хӯрданӣ; ***беқилу қол*** **–** бечуну чаро ва ғ.

Дар забони ҳозираи тоҷикӣ вожаҳои ***заѓома*** (ғалбер), ***салма*** (бори гарон), ***сақат*** (бекора) ба таври алоҳида истифода намешаванд.

Идиомаҳо хусусияти миллии забонро ташкил медиҳанд. Онҳо забонро ғанӣ мегардонанд, образноктар месозанд ва имкони ифоданокии онро афзун мекунанд.

Забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз фразеологизмхо хеле ғанианд. Ба сифати идомаҳои ба ҳар ду забон мутааллиқ инҳоро метавон ном бурд:

1. evil eye - чашми бад***; he certainly possessed an evil eye*** - Вай, ҳақиқатан, чашми бад дорад.

2. find fault with - хурдагирӣ кардан, дар чиз нуқсон ҷустан.

3. in a flash **–** дар як лаҳза, дар як мижа задан, чашм пӯшида накушода. ***You just have to call and he's here in a flash.*** **—** Шумо худи ҳозир вайро фарёд кардед, ана, ӯ дар як лаҳза ҳамин ҷо.

4. to cook one's goose – худро хароб кардан, шохи худ нишастаро буридан = тешаро ба пойи худ задан.

If you worry or excite your brain, you will cook your own goose by a quick fire. - Агар шумо аз ҳад зиёд хавотир шавед ва майнаатонро ба ҳаяҷон оред, тешаро ба пои худ занед.

Таҳлили воҳидҳои фразеологӣ аз ҷиҳати ташкили семантикӣ ва аз рӯйи принсипҳои мазкур ба низом даровардану тасниф намудан аз муҳимтарин масоили омӯзиши фразеологизм мебошад. Воҳидҳои фразеологӣ аз лиҳози хусусиятҳои семантикӣ (интегралӣ ва дифференсиалӣ) ба гурӯҳҳо муттаҳид мешаванд. Хусусиятҳои маъноӣ асоси умумият ва таносуби муштараки воҳидҳои фразеологӣ буда, гурӯҳҳо ва бандҳо аз рӯйи онҳо муайян карда шуда, дар манбаъҳои илмӣ гурӯҳҳои луғавӣ-семантикӣ ё микросистемаҳо ном гирифта, дар мавридҳои зарурӣ ба зергурӯҳҳои лексикию семантикӣ тақсим мешаванд (3, 6, 5 ва дигарон).

Гуногунрангии мавзӯи ВФ-ро таснифоти тематикии воҳидҳои фразеологӣ нишон медиҳад, ки онро Смит П.Л. дар асари худ «Фразеологияи забони англисӣ» пешниҳод кардааст. Асари ӯ бештар хосияти амалӣ дорад. Муаллиф ба таҳқиқи хусусиятҳои сохторию семантикии воҳидҳои фразеологӣ аҳамият надодааст. Қолабҳои устувор, ки ӯ ҳамчун идиомаҳо муайян мекунад, "аномалияҳои шифоҳӣ мебошанд, ки ё қонунҳои грамматика ё қонунҳои мантиқро вайрон мекунанд" (8, с. 13). Таснифи воҳидҳои фразеологӣ, ки Смит ба субут расонидааст, имкон намедиҳад, ки хусусиятҳои сохторӣ - маъноии воҳидҳои фразеологӣ ошкор карда шаванд. Худи муаллиф дар бисёр ҷойҳои китобаш ба салоҳияти нокофиаш дар ҳалли масъалаҳои забоншиносӣ ишора мекунад ва, аз афташ, муаллиф дар назди худ вазифаи таҳқиқи сохтории воҳидҳои фразеологиро нагузоштааст. Дар муқаддимаи китоб қайд мекунад, ки ӯ «назар ба филолог будан бештар лексикограф аст, "касеро, ки аз луғатҳои таълифкардаи дигарон баҳра бардоштааст, лексиколог номидан мумкин бошад?» - шубҳа мекунад вай (8, с. 15). Муаллиф ба ҳар ҳол кӯшиш кардааст, ки сарват ва гуногунии фразеологизмҳои англисӣ, сарчашмаҳо ва роҳҳои воридшавии воҳидҳои фразеологиро ба забони умумӣ, нишон диҳад; баъзе тағйироти семантикию сохториро дар воҳидҳои фразеологӣ муайян намояд. Ӯ дар дарк ва муайян кардани тобишҳои семантикӣ ва функсионалӣ-услубии воҳидҳои фразеологӣ дар забони англисӣ саҳм гузоштааст, ки бисёре аз онҳо то ҳол аҳамияти худро гум накардаанд.

Дар ҳар ду забон дар низоми муқоиса гурӯҳҳои сершумори воҳидҳои фразеологӣ ҷудо карда мешаванд, ки асоси таснифоти мавзӯии онҳоро дигар хусусиятҳои маъноӣ ташкил

медиҳанд (7, с. 48-58). Микросистемаҳои маъмулро, ки ба умумияти мавзӯӣ асос ёфтаанд, мо дар поён зимни таҳлили лексикию фразеологӣ, ки як ҷузъи майдони семантикии мафҳуми «Одам»-ро ташкил медиҳанд, зикр мекунем. Ба ин муносибат В.Н. Телия қайд мекунад, ки доираи васеи фразеологизмҳо ба аломатҳои чеҳра, хислат, ҳолатҳои рӯҳӣ ва ҳиссиёти инсон нигаронида шудааст; тасвиру тавзеҳи зиндагӣ аз бисёр ҷиҳат ба инсон, фаъолияти касбӣ, муносибати онҳо бо шахсони дигар, вазъи рӯҳонӣ ва ҷисмонии он алоқаманд буда, ҳамаи ин дар идиомаҳо ба таври ғайриодӣ инъикос меёбад (9, с. 146).

Таҳлили мо аз бисёр ҷиҳат муқаддамотӣ буда, мақсад кашидани тарҳи умумии таҳлил, ба низом даровардан ва тасниф намудани воҳидҳои фразеологӣ аз рӯйи принсипи мавзӯӣ мебошад.

Мувофиқи таносуби дохилии маъноӣ майдони семантикии воҳидҳои фразеологии «Одам» микросистемаи маъмултарини забони адабии тоҷикро дарбар мегирад:

— ВФ, ки ҳолати ҷисмонии одамро ифода мекунад: ***одами шалпар*** — одами хаста; ***мондагиро надонистан*** — монда нашудан; ***саг барин монда шудан*** - сахт хаста шудан; ***мондагии худро баровардан*** —истироҳат кардан: ***Фисашро (биниашро) пок карда наметавонад*** - нотавон; ***ба пой базӯр рост истодан*** – маҷол надоштан; ***аз пой афтодан*** - бемор шудан; ***пой ба лаби гӯр расидан*** - а) ба маънои. пири фартут шудан; марг наздик шудан; ***пой дар рикоби аспи ҷахл ниҳодан*** - хашмгин шудан; ***аз пой ва забон мондан*** – аҷал наздик будан; ***ҷон гирифтан*** - ба по хестан, беҳтар шудан; ***аз биниаш гирӣ, ҷонаш мебарояд*** - нотавон, заиф; ***хунаш ҷӯшид*** - хашмгин шуд; ба ҳаяҷон омад. Мисолҳо:

Лекин барои онҳо муяссар нашуд, ки ***ба рӯи ин бистар ёзида, мондагиҳои худашонро бароранд*** (С.Айнӣ). Аммо ба хоб рафтану истироҳат кардан муяссар нашуд (С. Айнӣ). *Акнун хуб кӯшиш карда,* ***мондагиҳоятро гир*** (С. Айнӣ). Акнун кушиш кун, ки нағз дам гирӣ (С. Айнӣ). *Сад раҳ дар интизорат то пушти дар давидам -* ***Поям зи кор афтод,*** *он гоҳ* ***ба сар давидам*** (Лоҳутӣ). *Ман оҷиз шудам, вале* ***аз по наафтидам*** (Тоҷикистони советӣ, 28.4.1986). ***Кувватро*** тамоман ***аз даст додам***, вале гумроҳ нашудам. *Акнун ки* ***поям ба лаби гӯр расидааст,*** *мехохам,* ***дари диламро ба шумо,*** *ҷавони қобил,* ***кушоям*** (С. Айнӣ). Акнун, ки ***офтоби умрам фурӯ меравад***, мехоҳам ***дарди ҷонамро ба ту кушоям***, ҷавони азиз (С. Айнӣ). ***Хуни мазлумҳо ба ҷӯш омад, - Ғулғулу наъраву хурӯш омад*** (П. Сулаймонӣ).

Ҳамин тавр, таҳлили сохторӣ, маъноӣ ва функсионалӣ - услубии гурӯҳҳои лексикию мавзӯӣ нишон медиҳад, ки имкониятҳои воҳидҳои фразеологӣ дар забонҳои муқоисашаванда то чӣ андоза бой ва гуногунанд.

Пайнавишт:

1. *Амосова Н.Н. Основы английской фразеологии: - Л.: Изд-во ЛГУ 1963.-208 с.*
2. *Арнольд И.В. Стилистика современного английского языка. – Л.: Просвещение, 1981. -295 с.*
3. *Арсентьева Е.Ф. Сопоставительный анализ фразеологических единиц (На мат-ле фразеологических единиц,семантически ориенированнных на человека, в английском и русском языках). – Казань: Изд-во Казан. ун-та, 1989. -126 с.*
4. *Виноградов В.В. Основные понятия русской фразеологии как лингвистической дисциплины // Виноградов В.В. Избр. труды: Лексикология и лексикография. – М., 1977. – С. 118-139.*
5. *Гатиатуллина З.З. Сравнительное исследование фразеологических единиц с компонентом – глаголом движения (На мат-ле английского, немецкого и шведского языков): – авторефрат дисс... д-ра филол. наук. – М., 1968. – 57 с.*
6. *Зиньков А.Д. Сравнительное исследование адвербиальных ФЕ в современных западно-*

германских языках: АКД. - М., - 1976. -16 с.

7. *Маджидов Х. К вопросу об определинии содержания фразеологической семантики в таджикском языке // Вестник Тадж.госуниверситета. – Душанбе, 1990. - №1. -С 48-58.*
8. *Смит Л.П. Фразеология английского языка. – М.: Учпедгиз, 1959. – 208 с.*
9. *Телия В.Н. Семантическая структура фрзеологизмов-идиом и принципы их фразеологической обработки // Фразеологизм и его лексикографическая разработка. – Минск, 1987. – С. 138-146.*

Reference Literature:

1. *Amosova N.N. The Grounds of English Phraseology. – L.: Leningrad State University Publishing-House, 1963. – 208 pp.*
2. *Arnold I.V. Stylistics of Modern English Language. – L.: Enlightenment, 1981. – 295 pp.*
3. *Arsentyeva Ye.F. Correlative Analysis of Phraseological Units (On the Material of Phraseological Units semantically Oriented on Man in English and Russian Languages). – Kazan: Kazan University Publishing-House, 1989. – 126 pp.*
4. *Vinogradov V.V. Principal Notions of Russian Phraseology as a Linguistic Discipline // V.V. Vinogradov. Selected Works: Lexicology and Lexicography. – M., 1977. – pp. 118 – 139.*
5. *Gatiatullina Z.Z. Comparative Study of Phraseological Units with a Component Presented as a Verb of Motion (on the material of English, German and Swedish languages) Synopsis of Doctoral dissertation in philology. – M., 1968. – 57 pp.*
6. *Zinkov A.D. Comparative Study of Adverbial PhUs in Modern West-Germanic Languages. Synopsis of candidate dissertation in philology. – M., 1976. – 16 pp.*
7. *Madjidov Kh. To the Issue of Determination in Reference to the Content of Phraseological Semantics in the Tajik Language // Bulletin of Tajik State University. – Dushanbe, 1990, #1. – pp. 48 – 58.*
8. *Smit L.P. Phraseology of the English Language. – M.: Uchpedghiz (Educational-Pedagogical State Publishing-House), 1959. – 208 pp.*
9. *Teliya V.N. Semantic Structure of Phraseologisms-Idioms and Principles of their Phraseological Treatment // Phraseologism and its Lexicographic Elaboration. – Minsk, 1987. – pp. 138 – 146.*